# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ- **Файзулло Шарифзода** ба диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти умумӣ )).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи интихобнамудаи Бозоров Хушвахт ба яке аз масъалҳои мубрами таълими забони модарӣ, ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Рушди зеҳну тафаккур ба инкишофи малакаҳои фаъолияти мустақилонаи шахсияти хонанда таъсири мусбӣ расонида, ба воситаи зеҳну тафаккур инсон алоқа ва муносибатҳои байни ҳодисаҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамояд.

Масъалаи таҳқиқшаванда бо педагогика, психология, мантиқ ва методикаи хусусии фан, Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи мактаби миллӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва ҳуҷҷатҳои директивии Ҳукумат, Вазорати маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Андешаҳое, ки довталаб дар диссертатсия оид ба мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» таҳлилу баррасӣ намудааст, бамаврид аст.

Дар таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсия сарчашмаҳои афкори педагогии методистони рус, инчунин, афкори мутафаккирони тоҷику форсро нисбат ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омӯхта, таҳлил ва баҳодиҳӣ намудааст.

Муаллиф дар раванди дарс ба эътибор гирифтани қобилияти зеҳнии талабагони хурдсол, хосатан, раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи

таълимиро таъкид намуда, асарҳои методистони тоҷик дар солҳо 20- 60-и асри XX, аз ҷумла, асарҳои ба методикаи таълими забони модарӣ бахшидаи олимони тоҷик Хоҷаев И., Эшонҷонов А., Шукуров А., Раҳмонов А., Лутфуллозода М.,Шарифзода Ф., Абдуллоев И ва дигаронро мавриди таҳлил ва баҳрабардорӣ қарор додааст.

Мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати нақша ва барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ, дастур ва маводи дидактикии солҳои 20 то 60 – ум, солҳои 70-90-уми асри XX ва аз соли 1990 то имрӯзро таҳлил намуда. муваффақият ва норасоиҳои онҳоро ошкор намудааст.

Диссертант дар ҳалли мавзӯъ ба сатҳи омодагии касбии кадрҳои педагогӣ дар робита бо имконияти зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз асарҳои олимони соҳаи педагогика ва психологияи хориҷӣ ВиготскийЛ. С., Вербитский А.А., Болотов В. А ва Сериков В.В, педагог – методистони тоҷик Эшонҷонов А., Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Абдуллоев И. ва дигарон истифода намуда, тайёрии кадрҳои педагогиро дар мактабҳои олӣ, сатҳи такмили ихтисоси муаллимон, фаъолияти эҷодии онҳо дар ин раванд, сабабҳои ҷой доштани камбудиҳоро дар усули анъанавии таълим ошкор сохтааст.

Оид ба вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ озмоиши пешакӣ гузаронида, инҳоро ошкор кадааст:

- мақсаднокии ташкили таълим;
- ба эътибор гирифтани имконоти ақлии кӯдакон;
- гуногунии методҳо;
- дар таълими забони модарӣ мавҷуд будании бенизомӣ ва бенақшагӣ;
- набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ;
- додани донишҳои тайёр;
- набудани ҷустуҷӯи мутақилонаи донишҳо;
- азёдкунии қориёна бидуни маънидод ва истифодаи донишҳои азхудкардашударо бо далелҳо собит кардааст.

Масъалаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ буда, бо ин мақсад озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуданд,ки онҳо чунинанд:

-малакаҳои тафаккури мустақилонаи таълимӣ;

-рушди тафаккури мустақилонаи таълимӣ;

-бедорсозии шавқу рағбати забондонӣ;

- инкишофи нутқи бошуурона;

- фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида гуфтан, яъне дарку фаҳми маънии матн ва гуфтори дигарон;

- рӯ овардан ба ҷустуҷӯ ва эҷодҳои одитарини забонӣ.

Муаллиф дар таҳияи рисола ба масъалаи тарҳи мазмун ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, ки ба инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад, диққати ҷиддӣ дода, моҳияти омӯзандагӣ, ташаккулдиҳандагӣ, тарбиявии матнҳо ва намудҳои фаъолияти мустақилонаи таълимиро ошкор карда, ҷанбаҳои дастрасии матнҳо, аёниятнокӣ, моҳияти инкишофдиҳандагӣ ва ҳавасмандии талабагон ҳангоми иҷрои супоришҳоро ошкор сохтааст.

Муаллиф ба хотири вусъати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робитаи мутақобила бо рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз бозиҳои дидактикӣ ва нақши онҳо дар иҷрои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, аз ҷумла, байтбаракхо, бозиҳои нақшӣ, вохӯри бо мутахассисони касбу корҳои гуногун, сафарҳои хаёлӣ ба минтақаҳои гуногуни диёр ва дунё, бозидани нақши қаҳрамонони асарҳои бадеӣ, баҳсу мусоҳибаҳои гуногун, муҳокимаи натиҷаҳои фаъолияти мустақилона, хондани шеъру ҳикояҳои кӯдакона ва иштироки онҳоро дар иҷрои бозиҳои дидактикӣ баррасӣ намудааст.

Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи

таълимӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ ба:

-методикаи тасвирӣ -эзоҳӣ;

-методикаи шахсмарказӣ;

-методикаи рушддиҳандаи шахсияти талаба;

- робитаи таълими ҳамгиро бо таълими тафриқа;

-такя ба қоидаҳо, намудҳо, нақшаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда;

- варақаҳои такявӣ, намунавӣ;

-методикаи иртиботӣ -муқоисавӣ муоширати эвристикӣ, мубоҳиса;

-пешниҳоди сарчашмаҳо барои фаъолияти мустақилона, сайру сафарҳои хаёлӣ нигаронида шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия ба методикаи ибтикории ташкили фаъолияти мустақилонаи хонагӣ таваҷҷуҳи хоса зиҳир намуда, имконияти зеҳнию ақлии талабагонро ба инобат гирифтааст. Фаъолияти тарафайн, муаллимон ва волидайнро дар ташаккули фаъолияти мустакилонаи таълими хонагӣ асос шуморида, дар ичрои супоришҳои мустақилонаи таълимӣ ҳавасмандгардонии маънавии талабагонро таъкид намудааст.

Марҳилаҳои асосии таҳқиқот мувофиқи мақсаду вазифаҳои асосҳои методологӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола корбаст шудааст.

**1.**Самти ҷустуҷӯӣ- пешбиникунӣ дошта, масъалаи илмӣ-таҳқиқотӣ муайян карда шуда, адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, методӣ оид ба масоили ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, асосҳои методологӣ ва дастгоҳи мафҳумии пажӯҳиш муайян карда шудааст.

**2.**Давраи таҷрибавӣ-ҷустуҷӯӣ буда, тафтиши фарзияро дар бар мегирифт, ки дар ҷараёни он кулли маҷмӯи роҳҳои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ тадқиқ карда шуд.

**3.** Санчиши эътимоднокии натичаҳои бадастомада ва коркарди онҳо тавассути усулҳои омори математикӣ амалӣ карда шуд. Маводҳои пажӯҳишро омода гардонида, дар нашрияҳои педагогӣ ба табъ расонида шудаанд, тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ коркард ва дар амал чорӣ карда шуданд, таҳияи кори диссертатсионӣ сомон дода шуд.

**Дар навгонии илмии таҳқиқот** муаллиф андешаҳои судмандро шарҳ додааст, ки чунинанд:

-аз чониби кӯдакон маърифати (фаҳмондани) моҳияти воҳидҳои лексикӣ дар матнҳои бадеӣ ва ахборотӣ, нутқӣ, шифоҳӣ ва хаттӣ;

-мантиқан дуруст истифода кардани калимаҳо, ибораҳои дар матн пешниҳодшуда ( сермаъногӣ, муродифҳо, муқобилмаъноӣ , омонимхо) дарёфти фарқ миёни нутқи гуфторӣ ва навишторӣ, гуфтугӯӣ ва адабӣ;

-мустақилона ва мантиқан тағйир додани матн, бидуни вайрон кардани мазмун;

-тартиб додани нақшаи матн, интихоби сарлавҳаи матн ва ғайра;

-иқтибоси бошуурона барои тасдиқи фикру ақидаҳо;

-таҳияи мустақилонаи матнҳо ва ғайраҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** асосноксозии илмӣ, назариявӣ-методӣ ва зарурати ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва рушди зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд;

- фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба болоравии сатҳи дониши талабагон мусоидат намуда, ба зеҳн ва нутқи талабгон рушд бахшид;

- ташкили дурусти кори мустақилона маҳорати касбии омӯзгоронро рушд бахшида, дар самти дуруст аз худ намудани асосҳои дониш ба талабагон ёрӣ расонид;

-ташкили дурусти кори мустақилона боиси рушди тафаккур. сатҳи дониш ва маҳорату малакаи талабагон мегардад;

-роҳҳои хубтару беҳтари ташкил намудани корҳои мустақилона боиси таҳкурсии тафаккури ҷустуҷӯӣ, мантиқию таҳлилии талабагон гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.**

-пай дар пайии роҳу пешниҳодҳои дар рисола истифодашуда ба болоравии устувории дониш мусоидат намуда, имконият дод, ки ҳангоми иҷрои фаъолияти мустақилона қобилияти зеҳнии тлабагон рушд ёфта, дониши назариявии андӯхтаашонро дар амалия татбиқ кунанд;

-истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мустақилона имконият дод, ки дар талабагон қобилияти мустақилона фикр кардан, интихоб намудан, малакаю маҳорати ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалро пайдо намояд;

-тавассути фаъолияти мустақилона омилҳои рушд бахшидан ба қобилияти зеҳнию нутқии талабагон муайян карда шудааст;

-оид ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва рушди зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ маълумоти зарурӣ ба даст оварда шудааст;

- маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилона ва рушд бахшидан ба қибилияти зеҳнию нутқии талабагон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умуми мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқот** дар муайянсозии заминаи назариявӣ- методологии таҳқиқот, мантиқан аниқсозӣ ва тавсеаи аппарати мафҳум ва истилоҳот, асосноксозии имконоти раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ баҳри рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон, коркард шудааст. Пешниҳоди амсила, шаклҳои гурӯҳӣ, усулҳои фаъолгардонии раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои ҷустуҷӯйӣ, таҳқиқотӣ бадаст омада, иборат аст.

**Эътибортнокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои баландбардори ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидои

минтақаи Кӯлоб роҳандозӣ шудааст;

-истифодаи маҷмӯи усулҳои ҳамкорӣ (интерактивӣ) ба мавзуъ ва масъалаҳои пажӯҳиш муносиб, дар фаъолияти мустақилонаи талабагони шаҳру ноҳияи Кӯлоб,н. Муъминобод,н. Ш.Шоҳин, татбиқ шудааст;

-такроршавандагии натиҷаҳо дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, исботи фарзияи пажӯҳиш, иштироки шахсии муаллифи рисола дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, ҳамчунин, таҳлили хушсифати маълумоти бадастовардашуда, оид ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва рушди зеҳн ва нутқи талабагон таъмин гардидааст;

-тавсия ва дастурҳои методӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва рушди зеҳн ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муфид ва арзишманд хоҳад буд.

Диссертатсияро мантиқан ба охир расида мешуморам ва ба муҳокима пешниҳод мекунам.

Натиҷаи асосии назариявӣ ва муқаррароти амалии таҳқиқоти тақризшавандаи диссертатсионӣ дар маърӯзаҳо ва дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2019-2023) инъикос ёфтаанд. Дар маҷлисҳои кафедраҳои умумидонишгоҳии педагогика, забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳлил ( 2019-2023) ва муҳокима карда шудаанд.

Ҳамчунин, 2 монография ва 16 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Муассисаи давлатии « Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷиксchallenge интишор гаштаанд.

## Хулоса

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти

дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти умумӣ) сазовор мебошад.

Мушовири илмӣ
доктор, профессор, академики
Академияи таҳсилоти
Точикистон.________________________________Шарифзода Ф

Имзои Шарифзода Ф-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси АТТ________Саидова М
02.06.2023